# ПОЯНДА БОД ВАҲДАТИ МИЛЛӢ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 11 (26) 24-УМИ ИЮНИ СОЛИ 2015, ЧОРШАНБЕ

**Ваҳдати миллӣ танҳо дар сурате тақвият меёбад, ки таъмингари ин падида – миллат, халқ ва давлати миллӣ муттаҳид, яктану якдил бошанд ва давлат барои амалӣ гардидани ваҳдат аз тамоми имконияту воситаҳо ва роҳу усулҳо мақсаднок истифода намояд.**

**Вазъи кунунии минтақа ва ҷаҳон моро водор месозад, ки дастоварди бузурги миллиамон - ваҳдатро ҳамчун неъмати гаронбаҳо эҳтиёт кунем ва тамоми саъю талоши худро барои таҳкими он сафарбар намоем.**

**Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар яки шумо оромиву осудагӣ, саломативу сарбаландӣ ва саодати доимии рӯзгорро орзу менамоям.**



**Мавзӯи хирад дар «Қобуснома»-и Кайковус** Саҳ. 2-3

**Понятие и содержание конституционной экономики** Саҳ. 4

**Ҳамнафаси ваҳдати миллӣ бошем!** Саҳ. 5

**Ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад** Саҳ. 7

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир Саъдизода
jahon_1967@mail.ru

Тарроҳ:
Ҳамидулло АЗИЗОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Насурдинов Э. С. дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафаров Б.А. дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т. мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Қурбоналиев Н.Ш. муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Давлатов Ҷ. М. директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ
Саид Нуриддин Саид вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А. раиси Суди Конститутсионии ҶТ, профессор, академики АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З. директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000

# РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ШАРҲИ МАВЗӮИ

Муҳит, ки пойдевори он ҳастӣ ба шумор меравад, дар ташаккули инсон нақши муҳимеро иҷро менамояд.

Дар навбати худ ин масъалаест ниҳоят мураккаб, серпаҳлӯ ва беандоза баҳснок. Зимнан нақши худи инсон низ дар ин раванди ҳаётӣ бисёр муҳиму зарурӣ буда, омӯзишу таҳқиқ, тафаккури доимӣ ва табиатан шарҳу баёнро талаб менамояд.

**Махсусан дар шароити имрӯз чунин ба назар мерасад, ки зарур аст бахши асосии масъулият ба уҳдаи худи инсон вогузор гардад. Зеро танҳо худи инсон аст, ки мавзӯъ ё субъекти амалу фаъолиятҳои хеш қарор мегирад.**

Агар волидайн, ҷомеа дар доираи имконоти худ дар ташаккули унсурҳои ибтидоии шахсияти навҷавонон иқдомоти нахустинро анҷом диҳанд, онгоҳ худи навҷавон, афроде, ки ба синну соли муайяне расидаанд, уҳдадоранд мутобиқ ба ин иқдомот вокуниши муносиб нишон диҳанд.

Маълум аст, ки ҷомеаро наметавон ҳамчун муҷтамеи «ягонаи органикӣ» ба расмият шинохт. Дар ҳеҷ ҷомеае чунин набуда ва наметавонад бошад.

Воқеияти мавҷуд ба дӯши афрод бори сангини масъулиятро ҷиҳати ташаккули шахсият вогузор месозад, ки ҳадафи аслиаш дар чаҳорчӯби манфиатҳои иҷтимоӣ созгорӣ бо манфиатҳои хеш аст.

Дар ташаккули муносибати инсон бо ҳастӣ нақши марказиро хирад (шуур) мебозад. Он чи барои хирад муҳим ба назар мерасад, иборат аст аз истеъдоди фард дар шинохти сабабияту заминаҳои воқеият, интихоби арзишҳои матлуби он, таъмини робитаҳои умумии ашё ва бар асоси онҳо имкони натиҷагирии муносиб. Маҳз ҳамин натиҷагирӣ аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ ҳамчун асосу бунёди ҳаракати вуҷудии инсон дар ҷомеа хизмат мекунад. Ташаккули хирад амали мураккаб, пурҷанба ва тадриҷист.

Бо назардошти ин, моҳияти аслии асари мутафаккири бузурги тоҷик Унсурмаолии Кайковус дар «Қобуснома» иборат аз он буда, ки мафҳумҳо ва дидгоҳҳои мавриди назарро мантиқан дуруст, асоснок, бо зикри далелҳои қонеъкунанда ва қобили мулоҳиза баён намуда, дар зимн хонандаро барои натиҷагирии муносиб омода созад. Моҳияти ин натиҷагириҳо бояд асосу пояи шаклгирии амалии хиради насли ҷавонро ташкил диҳад.

Дар иртибот бо ин комилан мантиқист, ки Кайковус яке аз бобҳои нахустини асари машҳури худ «Қобуснома»-ро «Дар шинохти ҳаққи падару модар» меномад ва китобро бо бахши «Дар ойини ҷавонмардпешагӣ» ба поён мерасонад.

Тавре маълум аст китоб комилан ба масоили хирад ва хирадварзӣ бахшида шудааст. Вале дар бобҳои ёдшуда масъалаи мавқеи ҷойгоҳи хоса дорад. Дар ин мақола сухан роҷеъ ба ин масъала дар миён аст.

### Доир ба эҳтироми падару модар

Равшан аст, ки дар адабиёти Шарқ масъалаи мавриди назар яке аз масъалаҳои калидии низоми арзишҳои маънавӣ ба шумор меравад ва маҳз бо ҳамин хосияташ аз адабиёти Ғарб фарқ мекунад. Эҳтироми волидайн аслан дар матну батни ҷаҳонбинӣ ва сиришти миллии мо нуҳуфтааст. Аз сӯи дигар чунин муносибатҳо ҷанбаи мутақобила, дуҷонибаро доро мебошанд. Аз ҷумла зуҳури «Қобуснома» ва нашри он худ гувоҳи чунин муносибатест.

Кайковус равоншиноси бузургест. Ӯ чунин мешуморад, ки масъалаи аҳамияту ҷойгоҳи хирадро дар зеҳни мардум метавон ба осонӣ, аз роҳи талқину амалисозии ҷойгоҳи пураҳамияттарин эҳсоси наҷиби инсонӣ, – эҳтироми падару модар ҷойгузин сохт, зеро «ҳар як нерӯе бо пазириши ашёе хушоянд аст, ки онро ба гунаи табиӣ мепазирад. Ҳамчунин равшан аст, ки ҳеҷ чизе хушояндтар аз ҳадафи имконпазир нест. Гузашта аз ин хушояндии ҳадафи имконпазир бештар аз хушояндии ҳадафест, ки эҳсос мешавад. Метавон гуфт, ки ин ҳарду ҳолат қобили қиёс нестанд». [Ибн Сина, Избранные философские произведения, М., 1980, стр. 222]

Қобили зикр аст, ки муносибат ба авлодон, наслҳои гузашта ва анъанаҳои хонаводагӣ барои муаллифи асар ниҳоят муҳтарам ва мавриди таваҷҷуҳи хосанд.

Маҳзи хотири ин ӯ аксар вақт ба фарзанди худ аз бобову бобокалонҳояш ёддовар мешавад, то ин ки ӯ гузаштагони хешро бидонад, хонадони худро бишносад ва ба онҳо эҳтиром бигузорад ва аз расму усулҳои хонаводагӣ пайравӣ намояд. Бо ин мақсад мутафаккир бо такя ба онҳо саъю талош меварзад дар дастёбӣ ба ҳадафи худ боварибахшу қобили эътимод бошад.

Ӯ чунин менигорад: «пас ҳамедун аз муъҷиби хирад бар фарзанд воҷиб буд падару модари худро ҳурмат доштан ва асли ӯ падару модар аст». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.24]

Барои Кайковус инсон як ҷараёни доимӣ, ҳамешагист. Ӯ ба қонунмандии қотеияти мероси аҳкоми (қорорҳои) сохторӣ ва корбурдӣ рӯӣ меоварад. Мехоҳад дар вуҷуди фарзанди худ онтогенези ҷараёнҳоеро ҷустуҷӯ ва пайдо намояд, ки аз ҷониби хусусиятҳо, рамзҳои генетикӣ (авлодӣ) ҳидоят мегарданд. Вай мехоҳад нишонаҳои бобояш Қобусро, ақалан нишонаҳои худро дар ниҳоди меросбараш пайдо намояд, тавре ки волидони муваффақу комёб чунин орзуеро нисбати фарзандон дар худ мепарваранд. Бо назардошти ин ӯ ба фарзандаш аслу насаби ҳақиқиашро бар мешуморад. Ҳеҷ як аз гузаштагони хешро аз мадди назар дур намегузорад. Чунин саъю талоше дар саросари «Қобуснома» сурат гирифтааст. Ӯ мехоҳад, ки фарзанди ӯ қабл аз ҳама, решаву асли хешро бишносад. Воқеан ба гуфтаи К. Маркс «Решаву буни як инсон худи инсон маҳсуб мешавад». [Маркс К., Энгельс Ф., Соч., т. 1, с. 422]

Мутафаккири бузург ба саҳлангорӣ дар муносибати баъзе фарзандон ба волидайнашон пай бурда, ба хотири сари ақлу хирад овардани онҳо ёдовар мегардад, ки волидайн ҳамеша омодаанд барои фарзандон ҷони худ қурбон созанд. Хитобан ба онҳо чунин мегӯяд: «Аз баҳри ту худро ба шикастан супоранд». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.24]

Кайковус бо далелҳои мазкур қонеъ нашуда, дар таъсири ҳиссӣ-эстетикии қавонини мазҳабӣ такягоҳ меҷӯяд ва бо ин восита ба ҷойгоҳи волову қудсии падару модар ишорат мекунад.

Азбаски дар асрҳои миёна падидаҳои адабӣ ва динӣ бо ҳам алоқаи зич доштанд, муаллифи «Қобуснома» кӯшиши зиёде ба харҷ медиҳад то ин вазъиятро барои пурқувват намудани ҷанбаи тарбиятии асари худ истифода кунад.

Шубҳае нест, ки Кайковус табиатан инсони боимону диндор будааст. Вале ҳамзамон бо доштани дониши энсиклопедӣ роҷеъ ба самтҳои асосии бунёдии илмҳои замони худ, ба илми фалсафаи табиат тамоюл доштааст. Новобаста аз он ки ӯ муътақид буд, ки табиати мавҷуд сарчашмаи руҳонӣ дорад, саъю талош менамуд ягонагии табиати инсонро дар муносибат бо ин сарчашмаи руҳонӣ дарк намояд. Мутафаккири бузург талош менамояд, асли масъаларо, ки мавзӯъҳои душворбаён ба кӯмаки Олами боло (улвӣ) ниёз доранд, дар усулҳои дугонаи муносибати инсон бо падидаҳои фаротабиӣ ҷустуҷӯ намояд. Тавре ки Гегел хотирнишон мекунад: «идаои дигар ба таври мустақим аз он чи гуфта шуд, бар меояд, яъне, инсон набояд он гуна ки ҳаст бимонад, бояд мустақиман аз доираи табиии худ берун биёяд. Ин аст шинохти воқеии рӯҳ. Ин берун рафтан аз доираи табиии хеш, худии худ, ҳастии хеш, ба ин маънӣ аст, ки дугонагиро сабабгор мешавад. Ин дугонагӣ ба маънии берун рафтан аз ҳолати табиӣ, аз мустақимият аст». [Гегель В. Ф., Философии религии, М., 77 стр. 2.]

Аз ин рӯ, Кайковус бо такя ба таҷрибаи ҳазорсолаи халқи худ, ки ҳамзамон дар Қуръони шариф бозтоб гардидааст, бо истифода аз шеваҳои мантиқиву забонӣ чунин мегӯяд: «Ва камтар ҳурмати падару модар он аст, ки ҳарду воситаанд, миёни туву Офаридгори ту. Пас чандон, ки Офаридгори худро ва худро ҳурмат дорӣ, воситаро низ дархури ӯ бибояд дошт». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.24]

Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ танҳо дар самтҳои муносибу мусбат дар рӯи Замин бо истифодаи имконоти осмонӣ (улвӣ) барои андешманди бузург ба нахви олӣ муяссар мегардад, ки барои ҳамзамонони мо ниҳоят ибратомӯз аст. Вуҷуди хиради инсониро Кайковус дар вобастагии мустақим аз шинохт ва амалишавии ҳуқуқи волидайн медонад: «Ва он фарзанд, ки модом хирад раҳнамуни ӯ бувад, аз ҳаққи меҳри падару модар холӣ набошад». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.24]

Баъзе аз воқеияти замони моро аз қабили нодида гирифтани талаботи волидайн, пушти по задани манфиати онҳо, тамоюли ҷавонон ба терроризм ва экстремизм, суханони зерини Кайковус тасдиқ мекунанд: «Ва Худои таоло ҳамегӯяд дар муҳками танзил (Қуръони карим)-и худ: «Худованд, Фиристодаи ӯ ва фармонравоёни худро итоат кунед». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.24]

Дар идомаи сухан, мутафаккири бузург ниҳоят дақиқона аз нигоҳи илмҳои ҳуқуқ ва мантиқ андешаи шахсии худро бар асоси аҳкоми Қуръонӣ, он чи ки дар матни ҳуқуқу уҳдадориҳои инсонҳо ба манфиати онҳост баён медорад: «Ин оятро тафсир кардаанд, аз чанд рӯй ва як ривоят чунин хондаанд, ки аввалуламр падару модаранд, ки ба ҳақиқат (калимаи) амр ба тозӣ (арабӣ) (ба маънии ) дӯст ё кор аст. Ё фармон ба аввалуламр он бувад, ки ӯро ҳам фармон бувад ва ҳам тавон ба падару модарро тавон аст ба парвардани ту ва фармон аст ба хубии омӯхтан» [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.25]

Кайковус сидқан хоҳони он аст, ки навҷавононро мавриди ризову итоати волидайн бубинад. Маҳз дар ҳамин нукта ӯ оромишу боландагии хонавода ва мутаносибан ҷомеаро мебинад. Замоне, ки муносибатҳои хонаводагӣ ва дигар шаклҳои муносиботи иҷтимоӣ дар санадҳои мавҷуди ҳуқуқӣ - меъёрӣ ҳаллу фасли худро намеёфтанд, ӯ шеваҳои ҳалро дар навиштаҳои мазҳабӣ ва динӣ ҷустуҷӯ менамуд. Қуръон ва ҳадис барои Кайковус такягоҳи ягонае буданд, ки миёни муносибати падарону фарзандон фазои софу покиза эҷод менамуданд. Ӯ тавонист чунин аҳкоми диниеро пайдо намояд, ки дар онҳо нақшу ҷойгоҳи волидайн болотар аз Паямбар гузошта шуда буд: «Ва дар хабар аст, ки Амирулмуъмининро (алайҳуссалом) бипурсиданд, ки ҳаққи падару модар бар фарзанд чист ва чанд аст? Гуфт:- Ин адаби Худои Таоло дар ҳаққи падару модар, Паямбарро (алайҳуссалом) бинамуд, ки агар эшон рӯзгори Пайғомбар дарёфтандӣ, бар Пайғомбар воҷиб будӣ бартар аз хештан доштан ва ҳаққи эшон бишнохтанд, ва дар эшон тавозуи кеҳтариву фарзандӣ намудан. Он гаҳ ин сухан заиф омадӣ, ки гуфт: «Ман бузургтарин фарзанди Одамам ва дар ин ифтихоре нест». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.25]

Тамоми таърихи сиёсат ва бахши таркибии адабиёти он, фарогири низоми ҳадафманди амалҳои тадриҷан иҷрошавандааст, яъне, ахлоқи фарди иҷтимоъ. Мавзӯи аслии чунин муносибот алоқаи бошууронаи инсон бо шароити атроф аст. Ин шароити мавриди назар,

барои афрод нақши миёнаравро дар макони зист ҷиҳати эҷоди фазои муносиб мебозанд. Фазое, ки дар домани он ҳар ширкаткунанда бояд зиндагии мураффаҳ, шоиста ва асосан қобили қабул дошта бошад. Ин ки Кайковус ба масъалаи муносибати фарзандон бо волидайн таваҷҷуҳи хос дорад ва дар ин замина тамоми зарфияти зеҳнӣ, илму дониши худро истифода мекунад. Аз дидгоҳи ӯ таъмини фаъолиятҳои ҳадафмандонаро, ки аз онҳо рафъи ниёзҳои муфиди иҷтимоӣ ба хотири хонавода ва мутаносибан ҷомеа вобаста аст, мустақиман ба масъалаи мазкур бастагӣ дорад. Кайковус ба зиндагӣ аз мавқеи орзуву омоли бузурги инсонӣ, оқилона нигоҳ мекунад. Дар осори ӯ хирад ҳамеша

## Дар аҳамияти хирад

Дар адабиёти шарқии асримиёнагӣ ба маҳдудияти мавҷуд дар бахши расмкашӣ нигоҳ накарда, симои инсони ҳақиқӣ ба таври кофӣ ҷаззобу дилкаш тасвир шудааст. Дар он зебоии ҷисмонии зоҳирӣ, барҷастагӣ дошта, зимнан мувофиқи он ба сифату мундариҷаи худи шахсият низ таваҷчуҳи хос шудааст. Дар сохтори он ба қисмати дувумӣ афзалияту бартарии бузурге додаанд. Маҷмӯи комили дастуру таълимот дар иртибот бо инсони комил таҳияву коркард шудааст, ки дар маҷмӯъ ҷавобгӯи талаботи шахсияти ҳамаҷонибаанд. Минҷумла миёни ақидаҳои Кайковус дар комёбиву пешрафти инсон ба хирад мақоми асосии сабабият дода шудааст: «Ва агар ба воқеияту инсонияти комилро дошта бошад. Ин донишманди равони инсонӣ, ки қобил буд сифатҳо ва жарфои истеъдоди афродро дар заминаҳои эҳсосу отифа идроку андеша бозгушоӣ намояд, мутаассифона чунин хотирнишон месозад: «Кундии олату тирагиву тундии роҳ асли ин дар бар бештари халқ бастааст». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.243]

Новобаста аз маҳдудияти донишу таҷрубаи инсонӣ дар шароити асримиёнагӣ мутафаккири бузург чунин мешуморад, ки ташаккули хирад вобастаи ду омил - генетикӣ ва омили андӯхташуда бар асари муҳити иҷтимоӣ мебошад.

Омилҳои табиӣ, генетикисозад: «Пас агар ғаризӣ набуд, ману ту ҳеҷ натавонем кардан». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.263]

Яъне, барои муддати кӯтоҳе.

Дар чунин ҳолате шеваи адабии муаллифи «Қобуснома» мисли ин ки таъбироти «Авасто»-ро ба хотир меоварад, ки тамоюлашро ба он андеша замоне Е. Э. Бертельс дар муқаддимае, ки барои «Қобуснома» навишта буд, хотирнишон сохта буд: «Кош мо касоне мешудем, ки ин ҷаҳонро солиму дуруст мекардем». [Авасто, Душанбе, «Бухоро» биятӣ, амалӣ ва ҷиҳатдиҳанда мебошад. Ӯ дар симои хирад асосу бунёди ташаккули муносибати созандаи инсонро ба ҳастӣ, нақши фаъоли онро дар инкишофи иҷтимоӣ мебинад. Дар ҷаҳон формулҳои «ягонаву пок» ё ахлоқи бидуни ангеза, гузашта аз ин аъмоли омода барои шахсият мавҷуд нест. Асоси сохтор ва табиати шуурро сабабияти он ташкил медиҳад. Моҳияти аслии андешаи мутафаккири бузург маҳз дар ҳамин нукта хулоса мешавад. Инҳо зуҳуроти бонизоми мураккабе ҳастанд, ки Кайковус бо бадеияти хос, забони вижа баён медорад. Ӯ аксар ба шеваи ада-

С. ЯТИМОВ

# ХИРАД ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

бар эҳсосот пешӣ мегирад. Дар «Қобуснома» қаҳрамони асосӣ худи нависанда аст. Ӯ аксар вақт бе кӯмаки дигарон, шахсан худ андешаҳояшро манзури хонандагон мегардонад. Ҷараёни иҷрои мавзӯи ҳунарӣ низ мутаалиқ ба худи муаллиф аст. Дар андешаҳои ӯ унсурҳои ошкори диалектикаи руҳи нависандаи бузург ба мушоҳида мерасад. Вобастагии тамоми мавҷудот аз ҳастӣ ва воқеияти айнӣ эҳсос мешавад. Дар ин маврид ӯ марди воқеӣ, далер, мавқеъшинос, равшанфикри якрӯя, ва зеҳнгаро аст. Дар умқи ҷони нависанда хирад ва инсоният ба имону эътиқод афзалият доранд. Ӯ ба ин назар аст, ки ниҳоятан ин ду чиз (унсур) бояд ҳар касеро бохирад созанд. «Пас ҳаққи падару модарро агар аз рӯи дин нангарӣ аз рӯи мардумиву хирад бингар» [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.25]

Чунин тамоюле ҳамчун муҳимтарин бахши афкори иҷтимоӣ ва шуури иҷтимоии мардуми мо, чун хатти сурх дар саросари адабиёти классикии тоҷик ҷилвагар аст ва онро ҳамчун унсури мутараққӣ, самтдиҳанда, пандомӯз, созанда ва охири охирон ҳамчун нишони миллӣ мунъакис менамояд. Маҳз чунин мавқеияте дар шароити тору зулмонии асримиёнагӣ ҷойгоҳеро барои эътимоди бениҳоят ба хиради инсонӣ ва умедро ба ҳамоҳангии ҷомеа ва рушди сарчашмаи эҷодии он ҷудо намуда буд. Мутафаккири бузург бо тамоми шеваҳои мавҷуд талош меварзид, то ҷавононро дар таъини муносибаташон бо волидайн бар сари ақл биёрад. Бо такя ба сабабияти падидаҳо чунин қайд мекунад: «Бингар, ки падару модар минбати некиву асли парвариши нафси туанд» [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.25]

Шоистатарин шахс касе шинохта мешавад, ки қобил аст ба некӣ бо шеваи муносибу мутобиқ посух гӯяд: « Он кас, ки ӯ ҳақшиноси некии асл набошад ё ин ки фаръро ҳам ҳақ надонад ва бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бувад» [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.25]

мол дарвеш гардӣ ҷаҳд кун то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар бошад ва ҷоҳил аз мол зуд муфлис шавад ва моли хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан» [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.26]

Мутафаккири бузург зимни омӯзиши масъалаи хирад, баррасии худи мафҳуми хирад дар чаҳорчуби мавзӯи баҳси он ба ҳадди камол даст меёбад.

Ба назар чунин мерасад, ки маҳз дар чунин мавқеиятҳое И. Кант ибораҳои «мувофиқати гуногуни ба ягонагӣ расондашуда» ва «салоҳдиди айнӣ»-ро ҳамчун арзёбии сатҳи шоистагӣ ва покизагӣ медонанд.

Кайковус дар назариёташ роҷеъ ба хирад масъалаҳои муҳими мафҳуми хирадро ва ҷанбаи фалсафии сабабияту натиҷаро дар корбурди он ва натиҷаи мусбати иҷтимоии онро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад. Яке аз шароитҳои асосии амалишавии хирадро Кайковус дар зарурати фарогирии донишҳои зарурӣ, касбу ҳунар, ба даст овардани тахассусу малакаҳои лозим медонад. Талошҳои амалии корсозро дар ба даст овардани ин сифатҳо, мутафаккири бузург нишонаҳои хирад медонад: «Пас агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бе сурат. Чӣ гуфтаанд: адаб сурати хирад аст». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.27]

Кайковус зимни тафсири мафҳуми «ҷавонмардӣ» низ хирадро аз ҳама афзал медонад: «Агарчи ин се чизро Худои Таоло, кам касро додааст ва ҳар киро ин се чиз бувад, аз хосагони Худои Таоло бувад. Аз ин сегона яке хирад аст ва дувум ростӣ ва савум мардумӣ». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.243]

Зимни баёни андешаҳо Кайковус дониши айниву фарохи хеш ва мушоҳидаҳояшро дар бораи равони инсонҳо ба намоиш мегузорад. Ба ин маънӣ, ки танҳо шахсиятҳои комилан баду манфӣ вуҷуд надоранд. Андозагириҳои сифатҳои инсонӣ ҳамеша нисбианд. Дар ҷаҳон инсонеро наметавон пайдо намуд, ки даъвои доштани хирадуро муаллиф комилан дуруст омилҳои аслӣ, асосӣ ва таъинкунанда мешуморад: «Ва бидон, ки ақл аз ду гуна аст. Яке ақли ғаризист ва дувум ақли муктасиб (касбшуда, андӯхташуда) аст». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.262]

Нависанда хоҳони он аст, ки хирад ғаризӣ бошад. Ӯ инро ҳадяи бузурги худовандӣ мешуморад: «Аммо ҳарҷӣ муктасиб аст битавон омӯхтан. Валекин ақли ғаризӣ ҳадяи Худоист, он ба таълим аз муаллим бинатавон омӯхт». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.263]

Вале зимнан ин андешманди бузург боварӣ дошт, ки хиради ғаризӣ метавонад ва бояд бо унсурҳое, ки ҷанбаи табиӣ, меросӣ надоранд, рушд дода шавад. Нависанда дар воқеияти ин андеша ба мавқеияти фардии шахсият нисбати фаъолияташ, ҳолати равониаш, ниёзҳои рӯзафзунаш ва тамоюлаш ба худсозиву камол такявар аст: «Агар чунон ки ақли ғаризии туро Худои Таоло дода буд, беҳу беҳ (хушбахтии туст). Ту дар ақли муктасибӣ ранҷ бар ва биёмӯз. Муктасибиро бо ғаризӣ ёр кун то бадеъуззамон бошӣ». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.263]

Дар ҳар сурат Кайковус бар ин назар аст, ки хиради инсонӣ аз материяе, ки зодаи табиат аст ва номи омми он Инсон аст, вобастагӣ дорад. Вай офаридгори воқеӣ аст. Чунин натиҷаро ӯ пойдору ҷунбоннопазир мешуморад. Муаллиф бар нуқтаи заъфи муҳимтарин офаридаи табиат, хирад, ки сабабияташро низ вобастаи худи он мешуморад, андешида, зеҳнан ба руҳафтодагӣ майл мекунад: «Ва бидон эй писар, ки ман дар ин китоб 44 боб дар ҳар маънӣ, ки донистам, чунон ки маро табъ даст дод, бо ту сухан гуфтам ва дар ҳар бобе насиҳате кардам ва панде додам магар дар боби хирадмандӣ, ки ҳеҷ наметавонам гуфт, ки: «Ба ситам оқил бош, аз он ки оқилӣ ба ситам натавон омӯхт». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.262]

Дар ҷои дигар ӯ пусткандатар бо зуҳури афсурдагиву ноумедӣ мавқеияти худро баён ме-

1914, стр. 105]

Вале ин хирадманди бузург фарзанди худро, ки дараҷаи хирадмандиаш ҷавобгӯи талаботи падар набуд, танҳо намегузорад. Ҳамчунин миллионҳо хонандагонашро, ки мафтуни «мактаби ахлоқии эстетикӣ»-и (Гертсен) нависанда гашта буданд ва дар ҳолати сардаргумиву номуайянӣ қарор доштанд, фаромуш намекунад. Бо назардошти ҳамин вазъият дар идомаи андешаҳояш чунин пешниҳод менамояд. «Боре ба муктасибӣ тақсир макун, чандон ки тоқат бошад биёмуз, то агар аз ҷамъи хирадмандон набошӣ, боре аз ҷамъи доноён бошӣ, аз дугона яке бо ту ҳосил бошад беҳ, ки ҳеҷ набошад, ки гуфтаанд: -Чун падар набошад, ҳеҷ беҳтар аз шӯйи модар нест». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.263]

Кайковус аз зумраи он андешмандони бузурги замон буд, ки муътақид буд бо саъю талош метавон хостаҳоро дар амри ташаккул, рушд ва камоли шахсият ба даст овард. Дар таълимоти ахлоқии «Қобуснома» ҷойгоҳи марказиро «масъалаи бузурги» ҳама давру замонҳо – донишандӯзӣ, ҳадафҳои нек пешорӯ гузоштан, ба пеш ҳаракат кардан ва худсозиву камолоти маънавӣ ташкил медиҳад. Мухотаби ӯ қабл аз ҳама ҷавонон, онҳое мебошанд, ки зиндагии шоиста бисозанд. Зимни баёни андешаҳои хеш дар атрофи хирад ва хирадварзӣ нависанда аз хонанда чунин даъват мекунад. «Акнун агар хоҳӣ, ки хирадманд бошӣ ҳикмат омӯз, ки хирад ба ҳикмат тавон ёфт. Аристотолиро пурсиданд, ки қуввати хирад аз чист? Гуфт:- Ҳама касро қувват аз ғазо бошад ва ғазои хирад ҳикмат аст». [Кайковус Унсурулмаолӣ, «Қобуснома» Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон 1366 … саҳ.263]

## Хулоса

«Хирад» масъалаи ҷовидонӣ ва бекарони улуми фалсафӣ ва ҳастии инсонист. Шуур ҳамеша дар шинохти он талош намудааст. Ин ҷараёнест, ки то замоне, ки инсоният вуҷуд дорад, идома пайдо мекунад. Бархурди Кайковус ба ин масъала ҷаҳонбинии ӯ нисбати зуҳур, инкишофи сохторӣ ва корбурдии хирад дорои аҳамияти тарбие, ки метавон аз он ҳақиқати бадеӣ ном бурд, такявар аст. Бисёр нодир ба назар мерасад, ки дар шароити асримиёнагӣ адабиёт ба бунёди биокимиёии шаклгирии моҳияти мафҳумҳои фалсафӣ ва тақсимбандиҳои ҳунарии пажӯҳишҳои илмҳои мавриди назар руҷӯъ намояд. Кайковус ба хотири мустанад, муътамад сохтан ва ба умқи андешаҳо расидан ба чунин шевае даст мезанад. Ин шоири бузург ва насрнавис ҳанӯз дар замони худ дарк карда буд, ки «агар ҳадафи донишҳо омӯзандагӣ бошад, мутаносибан бояд асосманду ҳадафманд бошанд., агар онҳо ҳамзамон иддаои кашандагиву саргармкунандагӣ дошта бошанд, бояд бештар зебову ҳунармандона бошанд». [Кант и., Трактаты и письма, Масква., 1980, стр. 345]

Маҳзи хотири ин Кайковус танҳо ба муҷассам сохтани воқеияти рузмарра маҳдуд намешавад. Омезиши тахайюли бадеӣ бо тамоюлоти илмии муаллифи «Қобуснома» яке аз сабабҳои дилчаспиву боэътимодии асари мазкур аст. Он чиро, ки Кант ҳамчун шарту талаби «ҳадафмандӣ» ва «машғулдорӣ» баъд аз чанд садсола пас аз ҳамватани бузурги мо пешниҳод намуд. Истифодаи бохирадонаи муҳтавои китобҳои муқаддас гуфтаҳо ва истифодаи эҷодкорона аз онҳо, ҳамчунин созгор намудани онҳо ба андешаи иҷтимоӣ, ниёзмандиҳои ҷомеа ба манфиати ҳастӣ ба суди мардум барои ҳамзамонони мо ниҳоят омӯзандааст. Зимни фароҳамсозии хирад муаллифи «Қобуснома» ба истеъдоди табиии инсон, ки бо заҳмату талоши ҳадафмандона рушду камол пайдо мекунад, такявар аст. Зеро ин талош ба худкомилсозиву худсозии шахсият нигаронида шудааст. Ин ки Кайковус дар оғози китоб ва дар боби панҷуми он «Дар шинохти падару модар» масъалаи асосии эҷодиёти хеш «хирадро» ба намоиш мегузорад, зимнан талош меварзад мавзӯи мазкурро аз дариҷаи азизтарин касони мо, мисли волидайн инъикос намояд. Ӯ мафҳумҳои Осмониро бо манофеи Заминӣ мутеъ месозад ва асарашро мардумӣ мегардонад. Ин шева «инъикоси зиндагии инсонӣ ҳамчун зиндагии мардумӣ» (Пушкин) яке аз сабабҳои ҷовидонагии «Қобуснома» ва номи муаллифи он гардидааст.

# Понятие и содержание конституционной экономики



САЛОХИДИНОВА С.М.
ассистент кафедры
конституционного права

В Конституции Республики Таджикистан (РТ) 1994 года нашли отражение новые основы экономического строя государства. Эти основы определены в статье 12 Конституции, в которой признаются различные формы собственности, гарантируется свобода экономической и предпринимательской деятельности, равноправие и правовая защита всех форм собственности, в том числе частной. Однако конституционное регулирование экономических отношений в Таджикистане не ограничивается наличием указанных конституционных норм. Все конституционные нормы составляют единую систему, влияя и дополняя, содержание друг друга. Такое единство содержательно обогащает конституционное регулирование экономических отношений и в своем единстве образует «конституционную экономику».

Конституционная экономика одно из новых направлений в отрасли конституционного права, суть которого заключается в комплексном рассмотрении взаимосвязи вопросов конституционного права с проблемами экономического развития, т.е., изучает принципы оптимального сочетания экономической целесообразности с достигнутым уровнем конституционного развития страны, отраженным в нормах конституционного права, регламентирующих экономическую и политическую деятельность в государстве.

Конституционная экономика как научное явление призвано решать ряд практических задач. Во-первых, выявление конституционно-правовых предпосылок эффективного развития экономики. Во-вторых, анализ воздействия экономики на государство и ее правовую систему. Третьей, важной задачей конституционной экономики является изучение влияния глобализации мировой экономики на конституционные процессы в конкретных странах.



На сегодняшний день в Таджикистане большое внимание уделяется исследованию конституционных аспектов развития экономических отношений. Пережив период экономического кризиса 90-х годов, Республика Таджикистан постепенно адаптируется к современным условиям рыночной экономики и интегрируется в мировую экономику. В этой связи Президент РТ в своих ежегодных посланиях отмечает необходимость совершенствования правового регулирования экономических отношений, развития рыночных отношений с учетом национальных особенностей, обеспечения устойчивого развития экономики, в частности его реального сектора, улучшения инвестиционного климата в стране и поддержку предпринимательства, и что немаловажно совершенствование государственного управления в указанных областях. На решение этих и многих других задач и направлено научная концепция «конституционная экономика».

Рассматривая «конституционную экономику» как научную концепцию, изучающею экономическое развитие страны с позиции конституционных положений, их влияние на принимаемые экономические меры, и обратное воздействие




принятых решений на политику государства, следует обратиться к самой Конституции РТ.

В содержания Конституции РТ можно выделить и объединить три группы вопросов, составляющие содержание данной научной концепции. Во-первых, экономические основы конституционного строя РТ, во-вторых, экономические права и свободы и гарантии их реализации, и в-третьих, государственное регулирование денежных и финансовых вопросов.

Как нами было уже упомянуто, экономическими основами конституционного строя РТ являются положения статьи 12 Конституции РТ, среди которых: признание различных форм собственности, гарантированность свободы экономической и предпринимательской деятельности, равноправие и правовая защита всех форм собственности, в том числе частной. Данные положения Основного Закона задают координаты развития всей экономики страны и являются основой правового регулирования экономических отношений.

В группу экономических прав входят такие права как: право на собственность и право наследование, права на предпринимательскую деятельность (которая вытекает из содержания гарантированной свободы предпринимательской деятельности), право на труд.

Третью группу вопросов, которые изучает конституционная экономика, составляют деятельность государственных органов полномочных решать денежно-финансовые вопросы страны. В частности Президент РТ определяет денежную систему и распоряжается резервным фондом, Правительство РТ представляет на рассмотрение Маджлиси Оли социально-экономические программы, вопросы выдачи и получения кредитов и. т.д.

Необходимо отметить, что объектом изучения конституционной экономики являются не только указанные конституционные положения, но также положения и отраслевого законодательства (в частности, налогового, финансового, бюджетного и др.). В этой связи необоснованно говорить о совершенстве конституционных положений как основы для совершенствования конституционной экономики.

Подытоживая вышеизложенное, следует отметить существенность изучения данной научной концепции в современном Таджикистане. Такая необходимость вытекает из значимости изучаемых вопросов и для задач, на решение которых направлена данная научная концепция.

# БУЗУРГОН ОИД БА ОИЛА





Гирдоварии
Зарина АБДУҲАМИДЗОДА
дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷӣ

Оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият буда, нахустин мактаб ва ҷои асосии тарбия аст.

Оила макони асосии ба фарҳанги тамаддун, одобу сунатҳои миллӣ мусаллаҳ гардондани бачагон мебошад.

Оила бисёр масъалаҳои муқаддасу масъулиятнокро дар рушд, таҳаввул, тарбия ва саодати инсонӣ ба уҳда дорад.

Оила ҷоест, ки дар он ҷо арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигар интиқол дода мешавад.

Оилаи хуб беҳтарин мактабест, ки дар он кӯдак хушҳолӣ, худдорӣ ва бурдборӣ, масъулиятшиносӣ ва ахлокро меомӯзад, инкишоф ва такомул меёбад, роҳ меёбад, ворид мешавад. Ва баръакс, оилаи номуносиб бадтарин мактабест, ки кӯдак дар он ҷо дарси интиқом, туршрӯӣ, ҷиноят ва дурӯягиро ёд мегирад.

Оила шахсияти кӯдакро такмил медиҳад ва зиндагииояндаи ӯро мушаххас ва муайян мекунад.

Оила нахустин сарчашмаи хубӣ ва бадии ҷомеа аст.

Оила манбаи ҳар гуна хайр ва баракат, неъмату саодати ҷомеа аст.

Оила як ҷузъи ҷамъияти дорои сифатҳои мухталиф ва ба худ хос мебошад.

Оила аввалин ва муҳимтарин макони тарбияи дуруст ва эҳёи истеъдодҳост. Ҳар гуна дигаргунӣ ва тағйироти иҷтимоӣ бояд аз он ҷо оғоз ёбад ва ҳар як иқдоми нек бояд пеш аз ҳама дар оила сурат гирад.

# Ҳамнафаси ваҳдати миллӣ бошем!

Соҳибихтиёрии ҳар як кишварро асосан се арзиши муқаддас, яъне истиқлолият, сулҳу суббот ва ваҳдату ризояти ҷомеа муайян месозад. Табиист, ки ин муваффақиятҳои оламшумул барои халқи тоҷик ва тоҷикистониён ба осонӣ муяссар нагардидааст. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҶТ-ро фоҷиаи мудҳиш, яъне ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт ва барои мардум ҳисороти зиёди ҷониву молиро овард. Дар ҳамин марҳилаи бисёр ҳассос баргузор гаштани Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии ҶТ дар шаҳри бостонии Хуҷанд ҷавонмардеро ба арсаи сиёсат овард, ки таърихи минбаъда ва имрӯзаи Тоҷикистон ба номи ӯ пайвасти ногусастанӣ дорад. Аввалин коре, ки Раиси Шӯрои Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон оғоз кард аз нав сохтани давлати Тоҷикистон, халқу ватанро аз парешониву нобудшавӣ наҷот додан буд. Маҳз боварии ба халқ доштани ӯ ва бедору зиёд шудани эътиқоди халқ нисбат ба ӯ халқи тоҷику тоҷикистониёнро ба Ваҳдати миллӣ овард.



ЗОИРОВ Н.К.
проректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияти ҶТ

Баъди 21 вохӯриву музокирот, ки қариб чор сол дар Москаву Кобул, Теҳрону Алмаато, Бишкеку Ашқобод ва дигар маҳалу мавзеъҳо гузаронда шуданд, оқибат дар давраи ниҳоӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москав, санади тақдирсоз ва ҳаётбахши истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид. Ин санади сарнавиштсози миллӣ тавонист фазои орому осударо дар кишвар таъмин созад.

Ғояи асосии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ва пеш аз ҳама аз таъмини сулҳу суббот, фароҳам овардани зиндагии орому осоишта, сарҷамъ кардани нерӯҳои гуногуни сиёсӣ, багардонидани гурезаҳо, аз парокандагӣ эмин нигоҳ доштани миллат, раҳо кардани кишвар аз буҳрони шадиди иқтисодиву иҷтимоӣ ва муҳимтар аз ҳама ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ иборат буд. Маҳз аз ин рӯ, мо 27 июнро, ки барои мардуми мо рӯзи воқеан таърихӣ мебошад, рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон доштем ва ҳамасола онро дар сатҳи давлатӣ ҷашн мегирем. Зеро танҳо бо маърифати сулҳу суббот ва аз баракати Ваҳдати миллӣ имрӯз сокинони мамлакат орому осуда зиндагӣ доранд ва ҳадафҳои созандагӣ ва бунёдкорйро сарҷамъона пеш мебаранд.

Дар давоми 23 – соли Истиқлолияти давлатӣ тавонистем дар ҳамон давраи пурошуб рамзҳои давлати соҳибистиқлоли худ – Парчами миллӣ, Нишони давлатӣ ва баъдан Суруди миллӣ ва дар чаҳорчубаи Қонун Конститутсияи ҷумҳуриро бо тарзи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намоем, дар интихоботи Президенти кишвар озодона ва дар рӯҳияи демократӣ иштирок ва дар таъсису интихоби парлумони касбӣ, интихоби намояндагони Маҷлиси Олӣ фаъолона иштирок намоем. Ин далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки рӯз ба рӯз хештаншиносиву худшиносии миллӣ, шуурнокии сиёсиву маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони кишварамон дар рӯҳияи созандагиву эҳё ташаккул ёфта истодааст.

Ҷаҳду талош ва тадбирҳои пайгиронаи Президенти ҶТ, Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи Ваҳдат, сарҷамъӣ, сулҳу субот ва оромию осоиши мардуми кишвар барои роҳбарони сатҳи гуногун намунаи беназири садоқати воло дар баробари ҷумҳурии азизамон ва мардуми он мебошад. Моро лозим аст, ки дар истеҳкоми шуури миллӣ бикӯшем, ба маърифати Ваҳдати миллӣ бирасем, дар шоҳроҳи Ваҳдат бо миллат ҳамқадам, ҳамсафар ва ҳамнафас бошем.





Содиқи КАШРУДӢ
дастпарвари факултети ҳуқуқшиносӣ

## НОМИ ШАРРУ НОМИ БАД ДАР ГӮР БОД!

Аҳли бад, ё Раб, зи некон дур бод!
Номи шарру номи бад дар гӯр бод!
Ҳар кӣ бад бошад, бадиҳо мекунад,
Бад на як ду, балки садҳо мекунад.
Ҳар кӣ бад аст, зодаи шайтон бувад,
Бо маротиб паст аз ҳайвон бувад.
Ҳар кӣ бад бошад, дилозорӣ кунад,
Чун даду чун дев мурдорӣ кунад.
Ҳар кӣ бад аст, кори шайтон мекунад,
Хештанро дур зи Раҳмон мекунад.
Аҳли некон рӯзу аҳли бад шабанд,
Рӯзу шаб бо ҳам куҷо як ҷо шаванд?!
Гар бувад ёри ту бад дар корҳо,
Меравад бар дил аз ӯ озорҳо.
Гар бувад ҳамроҳи ту бад дар сафар,
Нест ҷонат эмин аз хавфу хатар.
Нест оромӣ зи кораш дар ҷаҳон.
Мерасад бар кас чу дарди ногаҳон.
Ӯ худ аз феъли бади худ хаста аст,
Ҳақ дари ҷаннат ба рӯяш бастааст.
Одами бад мисли гург аст дар масал,
Дар вуҷуди шуми ӯ шӯру мағал.
Сӯи некон кори гургӣ мекунад,
Худ ҳақир асту бузургӣ мекунад.
Эй Худовандо, ту неконро биҳил,
Аҳли солеҳро зи толеҳон гусил!
Содиқи саргаштаро шав раҳнамо!
Муъминонро даст гир рӯзи ҷазо!

## СИЁҲКОР ФОШ ШУД!

Ба ту иброз дорам нақли коре,
Ки ағёрӣ намояд гоҳ ёре,
Чу зад марде ба кори носазо даст,
Чу моҳӣ як замон уфтод бар шаст.
Навишта номае аз баҳри озор,
Ба дастгоҳи раис бо шавқи бисёр,
Ғаразманде чу иблис дида чора,
Кунанд беобру устоди мора,
Ба вақти санҷиши аъмоли устод,
Наёфта камбудӣ рафтанд ношод,
Зи ғамгинии худ ошуфта гардид,
Тақаллубкории худро насанҷид.
Замоне кард, тарки ҷои кораш,
Аён гардид ин асноду бораш.
Бидон ҷон Дониёр, охир, ки ин кор,
Шавад овоза дар дарбору бозор.

Дониёр САНГИНӢ

# «ДАСТУР-АЛ-МУЛУК» ПУТЕВОДИТЕЛЬ ПРИ НАЗНАЧЕНИИ ПОСЛОВ

В нынешних условиях, которые относятся к началу дипломатических отношений РТ с зарубежными странами, нам необходимо расширить свои знания в области истории таджикской дипломатии, отношении таджикской государственности с внешним миром, дипломатические методы и обычаи наших предков для усовершенствования теоретической базы наших дипломатических отношения.

Одним из таких важных источников изучения истории таджикской дипломатии является трактат Ходжа Самандара Термизи «Назидание государям» (Дастур-ал-Мулук), который написан в 1695-1696 гг. Автор сочинения в частности посвятил одну из глав своего произведения деятельности послов и эта глава называется «О том, что следует поручить посольскую миссию мудрому послу».

В «Дастур-Ал-Мулук» писатель описывает основные качества, которыми должен обладать посол. Он писал данное произведение, опираясь на свой богатый опыт посла-переговорщика. Будучи причастным к посольской деятельности, он участвовал в решении некоторых задач внешней политики. Освещая правила подбора и назначения послов, автор трактата предлагает выдвигать на эту должность опытных и искушенных в этих делах людей, как например он говорит:

Послу надлежит быть знающим,смелым, искусным в речи.

О чем бы у него ни спросили, он сумел бы ответить, так, чтобы было правильно.

Выразился бы так, как этого требуют присутствующие в собрании.

Много людей, которые одним грубым словом столкнули целые миры, губили весь народ. Другие приятными словами способствовали дружбе между двумя врагами.

Как видно Ходжа Самандари Термизи выдвигает правила и условия подбора лиц на должность посла. Из этих строк нам стало ясно, какими навыками послы должны обладать, и как важна деятельность послов в укреплении дружбы и мира между государствами. Как вытекает из слов Термизи, мудрый посол сумеет привести к миру и дружбе двух враждебных государств, а может сделать и наоборот. То есть другие страны судят о нас и о нашем государстве в лице наших послов, и поэтому им следует быть мудрыми, да так чтоб, если речь его в начале выражает строгость, она должна быть отрезана ножницами мягкости, если в начале речи он заговорит грозными словами, конец своей речи он должен завершить добрыми словами, приятными выражениями, подобно тому, как Ходжа Самандар говорит:

Приятное слово удалило из сердца семя злобы,

Сладкая речь сгладила морщины у бровей противника.

Осознавая важность деятельности послов, Термизи дает своему царю совет кого не надо отправлять в качестве посла. К примеру можно сказать мыслитель не рекомендует отправлять в качестве посла людей четырех типов: первый – тот, кто терпел обиду от государей; второй – тот, чье имущество и честь унесены ветром гнева царя; третий – тот, кто уволен со своей службы; четвертый – тот, кто думает о своей выгоде во вред государю.

«Отправлять таких людей с посланием – продолжает мыслитель – представляется далеким от здравого смысла, не подобает носящим украшение опытности, потому что сердце такой категории людей проколото колючкой обиды. По такой причине, когда такой человек сочтет врага преобладающим в силе и могуществе над своим государем, в удобный момент он подумает об измене царю, выявив свою тайную вражду к нему, он поднимет мятеж…».

Те характерные черты, которыми должен обладать посол, по мнению Термизи, некоторые из них сейчас являются основными функциями посла. К примеру, возьмем, то, что мыслитель говорить «посол – это язык государя», это очень похожа на представительскую функцию сегодняшних послов. Поэтому Ходжа Самандар вновь и вновь повторяет, что послу необходимо умело и ловко пользоваться языком, подобным блестящему мечу, однако так, чтобы на поверхности его слов выступали перлы мягкости, были бы явственными признаками приветливости.

Как было отмечено высшее для укрепления наших настоящих и будущих отношений с зарубежными странами, мы должны знать, как наши предки относились к деятельности послов и сейчас должны руководствоваться их практикой и советами. И было бы хорошо, если при назначении послов мы бы опирались на такие советы наших предков.



Парвина ЗОИРОВА
студентка 2-го курса

Подводя итог проведенному исследованию, с полной уверенностью можно отнести «Дастур-ал-Мулук» Ходжа Самандара Термизи к ряду уникальных и актуальных произведений таджикско-персидских мыслителей. Его основополагающие идеи и мысли о требованиях личности посла, о правильного назначения послов, об их морально-этических качествах сохраняют свое значение и историческую ценность в наши дни.

# МЕЖДУНАРОДНЫЕ СТАНДАРТЫ СПРАВЕДЛИВОГО СУДОПРОИЗВОДСТВА

На кафедре судебного право и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального Университета преподается новый спецкурс под названием “международные стандарты справедливого судопроизводство (МССС). По данному предмету было написано учебное пособие под редакции д.ю.н. профессора Искандарова З.Х. Данное пособие подготовлено в рамках проекта, осуществляемого НПО «Центр по правам человека» - «Продвижение в Таджикистане международных стандартов в области справедливого судебного процесса».

В нем освещаются общие вопросы международного права прав человека, основные понятия, предмет и система курса изучения, международно-правовые акты в области прав человека на справедливого судопроизводство, механизмы их исполнения, конституционное положение о соотношении норм международно-правового акта и законодательства РТ, общая характеристика международных стандартов организации и деятельности органов юстиции, раскрываются досудебные права и права человека во время судебного процесса, а также их соблюдение в особых случаях, таких как при отправлении правосудия в отношении детей, женщин, судопроизводство в условиях чрезвычайного положения и т.д. Примечательным в пособии является то, что при изложении темы широко используются тексты соответствующих международно-правовых актов, материалы Офиса Верховного Комиссара ООН по правам человека, Комментарий Комитета по правам человека, международная практика, а также научные публикации.

Правосудие основано на соблюдении прав любого человека. Как говорится об этом во Всеобщей декларации прав человека, «признание достоинства, присущего всем членам человеческой семьи, и равных и неотъемлемых прав их является основой свободы, справедливости и всеобщего мира». Когда человек предстаёт перед судом по обвинению в совершении уголовного преступления, ему противостоит вся государственная машина. Обращение с обвиняемым является наглядной демонстрацией того, насколько государство соблюдает права индивида и принцип верховенства закона. Каждый уголовный процесс является проверкой государства на готовность обеспечивать правосудие и соблюдать права человека; проверкой, даже более строгой в случае, когда подсудимый обвиняется в преступлениях против общественной безопасности, например в актах терроризма, преступлениях против человечности, военных преступлениях и др. Каждое правительство обязано привлекать к ответственности виновников преступлений в независимых, беспристрастных и компетентных судах с соблюдением международных стандартов справедливости. Каким бы ни являлось преступление, если суд поступает несправедливо, правосудие не восторжествовало ни для обвиняемого, ни для жертвы преступления, ни для всего общества. Мы юристы выполняем свой долг лишь тогда, когда права человека соблюдаются и во время ареста, и в милицейском участке, и в комнате для допросов, и в следственном изоляторе, и в зале суда, и в тюремной камере.



Право на справедливый суд является правом человека. Это одна из повсеместно применяемых гарантий. Она закреплена во Всеобщей декларации прав человека, на которой зиждется международная система защиты прав человека и которая была принята в 1948 году правительствами стран мира. С тех пор как во Всеобщей декларации прав человека было признано право на справедливый суд, оно стало юридически обязательным для всех государств с точки зрения международного обычного права. Фундаментальные принципы справедливого судопроизводства должны применяться всегда, даже во время чрезвычайного положения и вооружённого конфликта. Европейский суд усмотрел нарушение прав в случае, когда в Северной Ирландии человек, арестованный в соответствии с антитеррористическим законодательством, потребовал адвоката по прибытии в полицейский участок, однако власти не допускали к нему адвоката на протяжении более чем 48 часов и неоднократно допрашивали в течение этого времени.

Международные стандарты являются минимальным требованием к справедливому судопроизводству, т.е. ниже или менее этих требований нельзя. Международные стандарты рекомендуют право на адвоката с момента задержания или с момента доставления лица в правоохранительные органы, а также когда лица вызывают для беседы. Нужно отметить, что Конституция Республики Таджикистан, уголовно процессуальное законодательство закрепляет право человека на юридическую помощь с момента задержания лица по подозрению в совершении преступления.

Азизджон АМИРОВ
студент 5-го курса

# Аҳамияти Созишномаи сулҳи тоҷикон дар замони имрӯз

Бо фаро расидани 27 июн, яъне рӯзи Ваҳдати миллӣ мардуми шарифи тоҷик ҳаждаҳ соли имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии Тоҷикистонро, ки бо заҳмат ва талошҳои пайваставу ҷонталабонаи фарзандони фарзонаи ин миллат, бахусус Қаҳрамони ин миллати куҳан, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имзо гардидааст, қайд менамоянд. Ин рӯз дар саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик бо хатҳои заррин сабт гардидаву садсолаҳо нақш ва аслияти худро чун созишномаи дӯстӣ, бародарӣ ва якдиливу якдигарфаҳмӣ нигоҳ хоҳад дошт.

Ватандӯстдории мардуми тоҷик дигарбора бо ба имзо расонидани Созишномаи мазкур исботи худро пурра намудаву ҷомеаи ҷаҳониро водор намуд то дубора рӯ ба сӯяш намоянду таҷрибаи нодир ва гаронбаҳои онро омӯзанд ва дар амалияи хеш мавриди истифода қарор диҳанд. Асолати Созишнома ватандӯстдорист! Иван Ильин қайд менамояд: «Барои он, ки ватани худро дӯст дорӣ, зарур аст, ки вайро дарёбӣ ва ҳастии онро воқеан чун ватан дарк намоӣ…» . Мардуми худогоҳи тоҷик дар вазъияти ниҳоят ҳассос ва пурпечутоб, ки баъзе аз манфиатдорон мехостанд бо баланд кардани кинаву адоват байни бародар бо бародар ҷанг биёваранд ва бо ин мақсади нохалафонаи худ тавонистанд як муддат тоҷикро бо тоҷик ва бародарро бо бародар шӯр андозанд, лекин ватандӯстдории мардуми тоҷик ва фарзандони фарзонаи он буд, ки гуфтаҳои болоро, яъне ҳастиии воқеии ватани худро дарк намудаву дигарбора бароиояндаи он камари ҳиммат бастанд.

Созишномаояндаи давлату ҳукумати Тоҷикистонро муайян намуд ва барои нуфуз пайдо намуданаш дар арсаи байналмилалӣ заминаи воқеиро гузошт. Бо имзои Созишнома замина ба вуҷуд омад то мо барои ояндагон, яъне насли ояндаи худ як давлати муттамарказ, обод, ором, ягонаро ба мерос гузорему озодии амали онҳоро кафолат диҳем. Макс Вебер ҳанӯз дар даврони худ қайд намуда буд: «Гузаштагони мо ба мо масъулияти бузурги таърихиро вогузор менамоянд. Масъулият дар мадди аввал на барои шакл ва ташкили хоҷагидорӣ, балки барои озодии амале, ки мо дар ин олам барои онҳо ба даст меорем ва ба онҳо ба мерос мегузорем». Созишнома ҳастии миллати тоҷикро бори дигар исбот намудаву сулҳу суботи саросариро дар Тоҷикистони биҳиштосо муҳайё намуд. Президенти кишвар оид ба аҳамияти муҳим ва саривақтӣ доштани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии Тоҷикистон ибрози назар намуда, чунин қайд менамояд: «Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳамияти фавқулоддаи худ бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзами мо таъмин сохт». Аз ин лиҳоз имрӯз созмонҳои байналмилалӣ ва доираҳои илмиву сиёсии кишварҳои ҷаҳон таҷрибаи сулҳи тоҷиконро меомӯзанду онро чун падидаи нодир ва гаронбаҳо дар таърихи сулҳофарини байналмилалӣ эътироф менамоянд.



**САИДЗОДА Искандар Туйчӣ**
**судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ**

Дар замони имрӯз, ки хатарҳои гуногуни тамаддуниву динӣ ва таъсиси ҳизбу созмонҳои тундгаро тамоми ҷомеаи инсониро ба таҳлука афкандааст, моро зарур аст то ба қадри оромиву ободии ватани азизи худ бирасем ва нагузорем нохалафе барои манфиати худ моро истифода намудаву амнияти миллӣ ва сулҳи бо заҳматҳои бемисл ба дастомадаи моро дигарбора нобуд намояд. Ҳамаи ин бархурдҳои сиёсиву муборизаҳои гурӯҳӣ далолат аз онанд, то мо ба қадри сулҳу субот ва оромии Тоҷикистон бирасем, дар ҳифзи истиқлолият саҳми мусбати худро гузошта, сулҳу ваҳдати миллиамонро пос нигоҳ дорем. Аз ин лиҳоз моро мебояд, на ба сӯи зулм, на ба сӯи хиёнат ба Ватану модар, балки ба сӯи ободӣ, ба сӯи дастовардҳои бузурги илмиву таърихӣ, ба сӯи муаррифии миллати худ дар арсаи байналмилалӣ, ба сӯи қуллае, ки моро ба мақсуд мерасонад, раҳсипор гардем.

**РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МУБОРАК!**

# Ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад



**ЭШОНЗОДА Абдуҷалил**
**котиби коллегияи судии суди шаҳри Душанбе**

Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паём ба парлумон пешниҳод намуд, ки соли 2015 дар кишвар «Соли оила» эълон карда шавад. Сарвари давлат қайд кард, ки дар соли 2014 95 ҳазору 500 ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 9 ҳазори он бекор шудааст. Дар таносуб ба соли 2013-ум 9,5 фоиз зиёд аст.

Аз суханронии сарвари давлат бармеояд, ки имрӯз дар қаламрави кишвар қариб 13 ҳазор нафар кӯдакону наврасони маъюби то 18-сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд, ки бештари ин кӯдакон маъюби модарзод буда, аз никоҳи хешовандӣ, инчунин аз волидайни гирифтори нашъамандӣ ба дунё омадаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти никоҳҳои байни хешовандони наздик ва таваллуди кӯдакони маъюб дар ин оилаҳо, Президент ба сохторҳои дахлдори ҳукумат дастуру супоришҳо дод, ки масъалаи муоинаи ҳатмии пешакии тиббии издивоҷкунандагон ва пешгирӣ намудани никоҳи байни хешовандони наздикро якҷо бо мардум ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳаматарафа омӯхта, ба Ҳукумат пешниҳод намоянд.

Азбаски оила сутуни давлат ба шумор меравад, пош хурдани он низ ба давлат ва ҷомеа зарари худро мерасонад. Аввал ин, ки фарзандон бесаробон мемонанд, онҳо аз тарбия дур мемонанд ва ба ин монанд оқибатҳои нохуш кам нестанд.

Президент ба Вазорати маориф ва илми ҶТ пешниҳод кард, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад. Ин пешниҳоди Ҷаноби Олиро мо – мутахассисони ҷавон дастгирӣ намуда, зарур мешуморем, ки оид ба сатҳи маърифати оиладории худ ҷиддитар фикр намоем ва ин қудуми такдирсози худро андешида гузорем.

Имрӯзҳо на танҳо дар ҶТ, балки дар тамоми ҷаҳони муосир масъалаи ҳалталаб ин оила мебошад. Гарчанде дар Тоҷикистон соли 2015 «Соли оила» эълон гардида бошад, дар Федератсияи Русия соли 2008, дар Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғистон соли 2012 ва дар Ҷумҳурии Қазоқистон соли 2013 «Соли оила» эълон шуда буд.

Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хосса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода, занонро ҳамчун чароғи оила, нерӯи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем ва дар сохтору мақомоти давлатӣ сафи онҳоро бештар мегардонем. Бо вуҷуди дастгирӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт мушкилоти ҳалталаб ҳанӯз зиёданд. Аз ҷумла, масъалаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол ба сол зиёд мегардад, ташвишовар мебошад. Сабаби ин ҳолат, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона мебошад.



Ҳамчунин аз ҷониби сарвари давлат таъкид карда шуд, ки дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик низ зиёд шуда, боиси таваллуди кӯдакони маъюб гардида истодааст. Дар асл бармаҳал оиладор шуданро пеш ҳама волидайни издивоҷкунандагон фикр кунанд, зеро онҳо хубтару нағзтар қобилияти фикррониву тайёр будани фарзандҳояшонро ба ҳаёти мустақилона медонанд.

Сабаби зиёди пош хӯрдани оилаҳо дар он аст, ки бисёре аз падару модарон фарзандонро бе муоинаи пешакии тиббӣ хонадор карда, вазъи саломатии онҳоро ба эътибор намегиранд. Тибқи моддаи 15 Кодекси оилаи ҶТ муоинаи тиббии шахсони никоҳшаванда, инчунин додани машварат доир ба масъалаҳои тиббиву генетикӣ ва масъалаҳои солимгардонии оила аз ҷониби муассисаҳои давлатии нигаҳдории тандурустии маҳалли истиқоматии онҳо ба таври ройгон ва танҳо бо ризоияти шахсони никоҳшаванда анҷом дода мешавад. Вале онҳо аз ин ҳуқуқи муқаррарнамудаи қонун истифода намекунанд.

Аз ин рӯ, Президенти кишвар вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Вазорати адлия, кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллиро вазифадор кард, ки масъалаи муоинаи ҳатмии пешакии тиббии издивоҷкунандагон ва пешгирӣ намудани никоҳи байни хешовандони наздикро якҷо бо мардум ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳаматарафа омӯхта, ба Ҳукумат таклиф пешниҳод намоянд. Ин масъала барои хушбахтии оилаҳои ҷавон бисёр муҳим аст. Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзоёни ҷомеаро тақозо мекунад.

Дар оила, пеш аз ҳама бояд ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми ҳамсар авлотар ҳисоб гардад. Чунончӣ имрӯз бисёри оилаҳо аз сабаби набудани эҳтиром нисбати ҳамдигар пош мехӯранд. Ин шаҳодати он аст, ки иқдоми пешгирифтаи сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба соли 2015-ро «Соли оила» эълон намудан зарур ва саривақтӣ мебошад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси 4, ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ Саидзода Дилнозаи Ҳанифамо бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# Ваҳдати миллӣ – шукуфоии Ватан

***Ваҳдат калимаест, ки бо маънию оҳангаш шахсро ба ягонагӣ ва муттаҳидӣ даъват менамояд. Аз қадиммулайём мардум барои осудаву ором зиндагӣ кардан ва беҳбудии зиндагӣ муттаҳидона умр ба сар мебурданд. Онҳо баробар кор карда, ризқу рӯзияшонро ҳам баробар тақсим мекарданд.***

Инсоният бидуни ягонагиву баробарӣ ба мартабаи имрӯзаи худ расиданаш номумкин аст. Маҳз ваҳдат инсониятро ба беҳтарин тараққиёт ноил гардонид ва мегардонад.

Ба таърихи халқи тоҷик назар афканем, мебинем, ки барои давлату давлатдориро пеш бурдан ва тараққӣ додан халқ ҳамеша роҳи ваҳдатро пеш гирифтааст. Сарони давлати абарқудрати Сомониён ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки дар қаламрави давлаташон баробариву якдилӣ ҳукмфармо бошад, зеро ҳар ҷое, ки якдилист сулҳ низ он ҷо пойдор аст. Ҳар ҷое, ки сулҳ аст, амониву баракат низ он ҷост.

Пас аз истиқлолияти кишвари мо бо дахолати қувваҳои беруна дар байни мардум парокандагӣ ба вуҷуд омад. Сутуни ваҳдат зарар ёфт ва билохира шикаст. Дар Тоҷикистон ҷанги беамони шарвандӣ ба амал омад, ки он харобӣ, марг ва бесарусомониро ба вуҷуд овард. Барои азнавсозии харобаҳо ва эҳёи миллат пешвое лозим буд. Худованд ба оҳи модарон ва нолаи хоҳарон раҳмат карда, шахсеро аз миёни халқ ба роҳбарият ба сафи пеш баровард, ки ӯ тавонист ҳаёти осоиштаро барқарор намояд. Президентамон Эмомалӣ Раҳмон ба сари давлат омада, халқи парокандаро ба сулҳпарастӣ, баробариву бародарӣ даъват намуд.

Мардум, ки аз харобию вайрониҳо ба танг омада буданд, роҳи навро пазируфтанд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо шарофати Президенти ҶТ ҳаракати наве бо номи «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» ташкил карда шуд, ки дар он тамоми ташкилотҳои хурду бузурги ҷамъиятӣ имзо гузоштанд. Бисёр масъалаҳои мураккабро ҳал кардан зарур буд. Ин амали хирадмандона самараи некро ба бор овард. Ниҳоят тоҷикон ба мувофиқа омада, даст ба дасти ҳам доданд. Бо имзо гардидани созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ 27-уми июн рузи «Ваҳдати миллӣ» эълон гашт. Хушбахтона, пас аз имзои ин шарнома то имрӯз дар партави сулҳу ваҳдат зиндагии тоҷикон гулгул шукуфта истодааст. Сарвати беҳтарини халқамон ин ваҳдат ва ягонагист. Вазифаи мост, ки ин ваҳдату ягонагиро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ дорем.



Раҷабалӣ САИДОВ
донишҷӯи соли 2, ихтисоси фаъолияти экспертизаи судӣ



Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба фарзандони муттаҳид ниёз дорад. Агар ҳар як шаҳрванди ин диёр муттаҳид шавад, Тоҷикистон аз ҳозира ҳам зеботару дилоротар хоҳад гашт.

Хулоса, ҷаҳон ва ободии он вобаста ба сулҳу ваҳдат аст. Ба ҷомеае, ки дар он сулҳу ваҳдат пойдор аст, ҳеҷ гоҳ осеб намерасад. Камина бо ифтихор қайд мекунам, ки ваҳдати миллии тоҷикон намунаи олии ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳофаринӣ дар кулли ҷаҳон дониста шудааст. Беҳуда нест, ки таҷрибаи ваҳдатофаринӣ ва сулҳи тоҷиконро институтҳои сиёсии ҷаҳон омӯхта истодааст.

Ваҳдати миллӣ ифтихори ҳар як шаҳрванд аст, ҳар як шарванд ба қадри ин неъмати бебаҳо бояд расад. Зеро ваҳдати миллӣ шукуфоии ватан мебошад.

# Поянда бод ваҳдат!



Бахтиёр САФАРОВ
донишҷӯи соли 1

**Дар сар хаёли илму озода**
**аз ғамам,**
**Хушбахт чу ман дар куҷо,**
**ки ман дар ватанам.**
**Беҳтарин озодиву хок**
**Тоҷикистони ман аст,**
**Ҷони ман, ширинтарин**
**ашъори ман туӣ, эй меҳанам.**

Ман хушбахтарин ҷавони хоки Тоҷикистон худро мешуморам, зеро ки беҳтарин кишвар, зеботарин диёр Ватани ман аст. Мо ҷавонони имрӯзаи Тоҷикистон, имкониятҳои бешумор ва ҳуқуқу озодиҳои худро дида меболем. Аз сидқу вафо, аз осоиштаву истиқлолият, аз ҳуқуқу озодиҳои худ дар Ватан мефахрам ва қалам ба даст гирифта шеърҳои навқаламона менависам, ки ин аз ҷӯшу хурӯш ва хушбахтиҳои ман нисбати Ватанам шаҳодат медиҳад. Ман берун аз ватан дар хоки Русия ҳам будам, лекин чунин ватани озод, чунин ҳуқуқу озодиҳоро мисли Ватани худ дар ҳеҷ куҷо надидаам.

Чунин ҳуқуқу озодиҳоро, ки давлат ба мо додааст, чунин сарвари давлат, ки падарона мо ҷавононро пуштибонию меҳрубонӣ мекунад, истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ба мо бахти баланду иқболи нек додаст, мо ҷавонон болидарӯҳ гашта, аз амалӣ гаштани орзуҳои баланди худ ноумед нестем. Ишқи Ватан дар дилам чандин афзун гашта, кӯшиш менамоям, ки номбардор, ташнаи ишқи Ватан, фарзанди сипосгузору номбардори Ватан бошам. Ватани худро дар оянда саъй менамоям гул-гулшукуфон намуда, дар хизматаш камар бандам.

Ман аз Ватанам сипосгузорам, кӯшиш менамоям, ваъда медиҳам, ки барои пойдорӣ ва устувории истиқлолият ва ваҳдати миллӣ саҳм гузорам. Тамоми ҳастиямро мебахшам, то Ватан аз ман барин фарзандаш ризо бошад. Зинда бод Тоҷикистон! Зинда бод Ватан! Поянда бод ваҳдат!

